# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Обидов Рустам Ҳошимович дар мавзуи «Бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун сарчашмаи муҳимми омӯзиши таърихи навтарини Тоҷикистон» барои дарёфти унвони номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих)**

Истиқлолияти комили давлатӣ баҳри Тоҷикистон шароит ва имконияти ниҳоят муфиди рушдро ба миён овард. Дар ин муддати дар назди таърих на он қадар тӯлонӣ - 30 соли соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ, ки дар ибтидо ба даргириҳои сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд, на танҳо аз гирдоби фалокатовари воқеаҳои хунин берун омаду рӯ ба инкишоф ниҳод, балки барои омӯзиши таърихи давраҳои гуногуни миллати тоҷик, ҳамчунин таърихи навтарини Тоҷикистон шароити навро муҳайё сохт.

Барои таҳқиқи таърихи навтарини Тоҷикистон пеш аз ҳама бойгониҳои кишвар ва ҳуҷҷатҳои дар он маҳфузбуда нақши калидиро дорост. Зеро, тавре маълум аст, ҳамаи он дастоварду комёбӣ, камбудию норасоиҳои дар ҳар давру замон ҷойдоштаи ҷомеа ба саҳифаҳои таърих маҳз тавассути бойгониҳо ворид мегарданд. Агар даврони қадим ва асри миёнаро тавассути маводҳои таърихию бостоншиносӣ баҳо диҳанд, пас давраи навтаринро аз рӯи ҳуҷҷатҳои маҳфузмондаи бойгониҳо меомӯзанд.

Бинобар ин диссертасияи Обидов Р.Ҳ. дар мавзуи «Бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун сарчашмаи муҳимми омӯзиши таърихи навтарини Тоҷикистон» як пажӯҳиши илмии арзишманд аст. Ин мавзуъ дар таърихнигории ватанӣ усулан камомӯхташуда мебошад. Муаллиф муҳим будани мавзуи мавриди таҳқиқро асоснок намуда, дараҷаи омӯзиши онро муайян сохта, ҳадаф ва вазифи таҳқиқотро возеҳ баён намуда, ҳамчунин ба андозаи зарурӣ навовариҳоро мушаххас намуда, аҳамияти назарӣ ва илмии рисоларо ошкор намудааст.

Сохтори рисола, мантиқан ба танзим даровардани матолиб, усули таҳлил ва баёни маводи бадастомада аз сарчашмаи бойгонӣ ба талаботе,

ки барои сазовор шудан ба унвони номзади илми таърих муайян шудааст, ҷавобгӯй мебошанд.

Муаллифи рисола дар натиҷаи баррасиҳои қиёсӣ мубрам будани мавзуъро дар он муайян кардааст, ки нақши бойгонӣ ва маълумотҳои бойгонии мазкур роҷеъ ба авзои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол аз мушоҳидоти шахсии муаллиф маншаи асосӣ мегиранд.

Баръало малум мегардад, ки ҳалли муваффақиятомези вазифаи гузошташуда дар назди муаллиф то ҳадди зиёде бо истифодаи моҳиронаи муҳаққиқ аз усулҳои таҳқиқи умумӣ ва хос ба даст омадааст, ки аз ҷумлаи онҳо таҳлили маҷмуӣ, таҳлилӣ-сохторӣ ва татбиқӣ-муқоисавӣ ба ҳисоб мераванд.

Муаллифи рисола ба ҳадафи таҳқиқот аз тариқи таҳлил исбот кардааст, ки имрӯз натанҳо таърихи кишвар дар маҷмуъ омӯхта шавад, балки минтақаҳои мухталифи кишвар ҳамчун манбаи таҳқиқ қарор гиранд. Дар ин қатор омӯзиши ганҷинаҳои Филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор сарфи назар нест.

Кори дақиқ бо манобеи бойгонӣ ва натиҷагириҳои маҷмуии илмӣ, ки дар тамоми бахшҳои рисолаи илмӣ мушоҳида мешавад, ба мо ин имконро медиҳад, то хулоса кунем, ки ҳадаф ва вазифи таъйиншуда дар рисола ҳалли худро ёфтаанд.

Хидмати арзишманди муаллифи рисола боз дар он зоҳир мешавад, ки муҳаққиқ илова ба ҳуҷҷатҳои маҳфузи бойгонӣ, ҳуҷҷатҳои роҳбарикунанда ва меъёрӣ – ҳуқуқиро, ки фаъолияти бойгониҳоро баррасӣ менамоянд, адабиёти назариявию амалӣ, ки ба масъалаҳои умумии таърих, назария, роҳу усулҳои ташкили фаъолияти бойгониҳо бахшида шудаанд, дохил намудааст. Асарҳое ворид мегарданд, ки ба фаъолияти бойгониҳо дар Тоҷикистонӣ Шуравӣ ва даврони соҳибистиқлолии он бахшида шудаанд.

Піромуни гурӯҳи аввали адабиёт бояд қайд кард, ки дар автореферати диссертатсия як қатор маводи расмӣ, аз ҷумла қонунҳо, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, низомномаҳо ва ғайраҳо мавриди истифода қарор

гирифтаанд. Чунин таҳлили маҷмуӣ ба муҳаққиқ имкон медиҳад, ки то ба бисёре аз саҳифаҳои ношинохтаи таърих равшанӣ андозад.

Арзиши таҳқиқот, ба назари мо, дар он зоҳир мешавад, ки дар илми таърих як таҳқиқоти мустақил ва ҷомеъ анҷом ёфтааст,

Автореферат матолиби рисоларо пурра инъикос намуда, корҳои мунташиршуда нишондиҳандаи ҷанбаҳои аслии таҳқиқот ба ҳисоб меравад.

Хулоса, диссертатсияи Обидов Рустам Ҳошимович дар мавзуи «Бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун сарчашмаи муҳимми омӯзиши таърихи навтарини Тоҷикистон» ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертасияҳои номзадии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих) сазовор аст.

**Доктори илмҳои таърих, дотсент,**
**мудири кафедраи таърихи умумӣ ва**
**фарҳангшиносии Муассисаи давлатии**
**таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав”** **Алимов Давлаталӣ Халилович**

Имзои доктори илмҳои таърих, дотсент
Алимов Д.Х.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва КМ МДТ “ДДБ ба номи
Носири Хусрав”: Шукурзод Ҷамшед Абдуалим

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67,
МДТ “ДДБ ба номи Носири Хусрав”,
тел.: (83222) 2-54-81, (83222) 2-22-53
http: // www. btsu.tj, E-mail: ktsu78@ mail.ru

04.01.2023.